
ШАМШОДПАҲЛАВОН

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Муаллифи матн: Зокир ҲАСАН

Рассом: Абдусалом АБДУЛЛОЕВ

Ороишгар: Владимир КАЗБЕРОВИЧ

Ёварон: Давриниссо ҶӮРАЕВА,
Мирзомуддин НУРИДДИН

Мушовир: Салоҳиддин ШАМСИДДИНОВ



Такмили китоб: ҶДММ “ArtAREA”

Ин китоб бо дастгирии саховатмандонаи Лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият (UNPRPD) таҳия шудааст.

Шамшодҷони беқарор
Ҷӯра дорад бешумор.





Ӯ варзишкори
чаққон,



Дар мактаб
ҳам аълохон.

Кандакорӣ омӯхтаст,
Шуда устои гулдаст.



Аз Шамшоди ҳунардор
Бобо дорад ифтихор.





Гар чунин равад, фардо
Шавад аз ҳама боло.



Бо дастгирии Меҳрон
Ҳаёташ шуда осон.



Ҳоло ӯ чеҳрахандон
Сӯйи дӯстонаш равон.



Ин китобча намунае аз силсиламаводи мусбати иртиботӣ оид ба ҳаёти кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дар Тоҷикистон мебошад. Он барои кӯдакон таҳия шуда, бахше аз маъракаи фарогирии кӯдакону калонсолони дорои маъюбият дар саросари кишвар аст.

Силсиламаводи инноватсионии мазкур дар ҷараёни давраи омӯзишию амалии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 то 8-уми апрели соли 2017 баргузор гардид, аз ҷониби як гурӯҳ иштирокдорони болаёқат таҳия шудааст.

Китобчаи «Шамшодпаҳлавон» дар хусуси писараки дорои маъюбият ҳикоят мекунад. Ҳарчанд Шамшод пойи сунъӣ дорад, аммо баробари дигар бачаҳо донову чаққон ва хеле фаъол аст. Ӯро калонсолон ва ҳамсолонаш дӯст медоранд.

Агар фарзанди шумо дорои маъюбият бошад, умедворем, ки аз хондани ин китобчаи тоҷикии фарогири ҳаёти ҳама кӯдакон хушҳол хоҳад шуд. Агар фарзанди шумо дорои маъюбият набошад, ин китобчаро метавонед бо мақсади омода кардани ӯ барои шиносоӣ, пазироӣ ва дӯстӣ бо дилхоҳ кӯдак истифода кунед.

## Баъзе маълумоти муҳим дар бораи шахсони дорои маъюбият

- Шахсони дорои маъюбият ва бемаъюбият назар ба фарқ бештар умумият доранд.
- Одам ҳар қадар бо кӯдак ё шахси калонсоли дорои маъюбият бештар вақт гузаронад, ҳамон андоза тарсу ҳароси ӯ камтар мешавад.
- Муҳити беҳтарин барои инкишофи кӯдакони дорои маъюбият оила мебошад. Кӯдаконе, ки дар оилаи худ ба воя мерасанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва равонӣ бештар осебнопазиранд ва хубтар инкишоф меёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият қобилияти омӯхтани чизҳои зиёдеро доранд, ба шарте ки аз ҷониби оила, мактаб ва ҷомеаи худ дастгирӣ ёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият аксаран дар якҷоягӣ бо кӯдакони бемаъюбият беҳтар меомӯзанд ва инкишоф меёбанд.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият метавонанд шахсони комил, хушбахт ва фоидаовар бошанд, агар барои онҳо дастрасӣ ба таҳсилот, тавонбахшӣ ва имкониятҳои баробар фароҳам шуда бошад.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дилсӯзиро нисбат ба худ намепазиранд, балки хоҳони меҳрубонӣ, эҳтиром ва имкониятҳои баробар ҳастанд.
- Маъюбият «ҷазо» аз тарафи Худо нест. Он аз як шахс ба шахси дигар намегузарад.
- Кӯдакони дорои маъюбият ҳуқуқ ба дастгирӣ аз ҷониби соҳаҳои гуногун – тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ доранд.

ҲАР ЯКИ МО – ТАВОНО!